**ПРОТОКОЛИ № 4**
**маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-131**

аз 02 июли соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шуро 12 нафар

**Раиси шуро**: Аз 16 нафар аъзои шерои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.06.2026, № 195/шд тасдиқ гардидааст, 12 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 2 нафарашон докторони илм ва 3 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзоёни шуро, ягон пешниҳодҳои дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям мавқеи худро муайян намояд. Масъала ба овоз монда шуд: Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**<u>РӮЗНОМАИ</u> <u>ҶАЛАСА</u>:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи унвонҷӯйи кафедраи асабшиносии МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» Раҳимзода Олим Шариф дар мавзуи: «Оптимизатсияи ташхис ва муолиҷаи невралгияи баъдигерпесӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 3.1.11. Неврология.

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ доктори илмҳои тиббӣ, профессор Шарипова Х.Ё ва аъзоёни комиссияи экспертӣ: номзади илмҳои тиббӣ Гаримадов С.Н. ва номзади илмҳои тиббӣ Қосимова Д.У. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Раҳимзода Олим Шариф дар мавзуи «Оптимизатсияи ташхис ва муолиҷаи невралгияи баъдигерпесӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз руйи ихтисоси 3.1.11. Неврология пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Раҳимзода Олим Шариф дар мавзуи “Оптимизатсияи ташхис ва муолиҷаи невралгияи баъдигерпесӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии

номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 3.1.11. Неврология ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Нургужаев Еркин Смагулович – доктори илмҳои тиббӣ, профессори кафедраи бемориҳои асаби Донишгоҳи миллии тиббии Қазоқистон ба номи С.Д. Асфендияров.
- Фирузаи Искандарӣ – доктори фалсафа (PhD), духтур-асабшиноси Маркази тиббии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии тиббии Самарқанд (ш. Самарқанд) тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 30 сентябри соли 2026 соати 14-00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ**: тарафдор – 12 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.
**Қарор якдилона қабул гардид.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои тиббӣ, профессор Табариён Б.С.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои тиббӣ, дотсент Пирматова М.А.

имзои/подпись Табариён Б.С., Пирматова М.А-ро
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
«02» 07 2026 с/г